Нафратовартарин мардум назди Аллоҳ, кинатузтарини хусуматгаронанд

Аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Нафратовартарин мардум назди Аллоҳ, кинатузтарини хусуматгаронанд"

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармудаанд, ки Аллоҳ Таборак ва Таъоло аз миёни мардумон ба касе бештар нафрат дорад, ки бисёр хусуматгар аст, ҳақиқатро намепазирад, талош мекунад бо ҷангу ҷидол ҳақиқатро бартараф кунад, ё дар низоъ ҳақ бо ӯст аммо дар баҳс ба андозае муболиға ва зиёдравӣ мекунад, ки аз ҳадди эътидол берун меравад ва бидуни илм баҳс ва мунозира мекунад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5474